«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло

_______________

«16-уми августи соли **2024**»

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба кори диссертатсионии Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи "Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм.** Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки муҳтаво, сохтор ва мазмуну мундариҷаи кори диссертатсионии Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин, ки дар он "Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ" таҳқиқу баррасӣ шудааст, ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: банди 3 - «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои шароитҳои рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), банди 4 - «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими наврас дар давраҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; фардикунонӣ ва тафриқаи таълим; намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим, махсусияти таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот) мутобиқат дорад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ** бо он муайян карда мешавад, ки унвонҷӯ, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати назариявӣ ва дар амалияи педагогӣ ба таври таҷрибавӣ хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоиро тавассути таъриху кишваршиносӣ асоснок намуда, фаъолияти таълимӣ ва тарбияи хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар қолаб ва қоидаву меъёрҳои кори диссертатсионӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, вазифаву мақсадҳои илмии пешгузоштааш амалӣ намудааст.

Гузашта аз ин саҳми илмии унвонҷӯ Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар он дида мешавад, ки ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқоти илмӣ бевоситаи аз ҷониби ӯ гузаронида шуда, банақшагирӣ, интихобу асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани мақсаду вазифа, объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии хулосаву натиҷаи таҳқиқот, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ инъикоскунандаи маҳорати илмии унвонҷӯ ва дорои сифатҳои таҳқиқотчигии ӯро собит месозад.

Мавзуи илмии интихобнамудаи унвонҷӯ Саиднуриддинзода Аҳлиддин, дар ҳақиқат, дар илми педагогикаи муосир мо **муҳим ва актуалӣ** мебошад. Зеро тарбияи ватандӯстӣ ва хештаншиносии шахсӣ ҳамчун падидаи мусбат ба ахлоқ ва шуури инсонҳо таъсиргузор мебошад. Чунонки унвонҷӯ қайд мекунад, “Асосан, шуури ватандӯстӣ дар заминаи маърифати амиқи арзишҳои милливу давлатдорӣ, арҷгузорӣ ба заҳмати ниёгон, иззату эҳтироми инсонҳо, саҳму талош варзидан дар ҷараёни корҳои бунёдкориву созандагӣ, ки маҳз дар масири дарозои таърихи ғании миллатамон ба вуҷуд омадаву шакли муайян гирифтааст, фаҳмида мешавад. Хислатҳои инфиродии шахс низ маҳз ба ин омилҳо иртибот дошта, ба пайравӣ аз корҳои шоистаи ниёгон ва тарбияи худогоҳии шахс мусоидати фаъол мекунанд”.

Дарвоқеъ, имрӯзҳо дар шароити бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо, авҷ гирифтани низоъҳои динию мазҳабӣ, гаравиши ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, нигаронии ахлоқу рафтори қисме аз наврасону ҷавонон, пеш аз ҳама, аҳли зиёи кишвар, омӯзгорону мураббиён ва тамоми кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олӣ, марказҳову институтҳои илмӣ-тадқиқотии кишварро водор месозад, ки дар таълиму тарбияи ин қишри осебпазири ҷомеа тадбирҳои судманду сариваќтӣ андешида, аз василаҳои таъсиргузори маънавӣ самаранок истифода намоянд. Албатта, барои расидан ба ин ҳадафҳои пешгузошта таҳким бахшидани равобити се ниҳоди иҷтимоӣ: яъне муассисаҳои таълимӣ, ҷомеа ва муҳити оила хеле муҳим мебошад, ки натиҷаҳои баҳам омадани ин се ниҳод ба рушди сифатҳои ахлоқӣ ва эҳсоси ватандӯстиву худшиносии хонандагон ва умуман наврасону ҷавонон таъсири амиқ мегузорад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки аз як ҷониб интихоби роҳи дуруст ҷиҳати ташаккул додани шахсият, эҳтиром ба арзишҳои табиӣ ва табиати Ватан, саҳми созанда гузоштан дар ҷомеа ба интихоби худи инсон вобастагӣ дошта бошад, аз ҷониби дигар дар ин шоҳроҳ дуруст тарбия намудан ва роҳнамоӣ кардани хонандагон ва наврасону ҷавонон масъулияти ҳам омӯзгор ва волидайни хонандагон мебошад.

Актуалӣ будани мавзуи таҳқиқот инчунин аз он муайян мегардад, ки масъалаи тарбияи ватандӯстии ҷавонон, дарвоқеъ, масъалаи мураккаб буда,

паҳлуҳои гуногуни марбут ба он дар чорроҳаи як қатор илмҳои ҷамъиятиву гуманитарӣ, дар ин замина аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла дар таҳқиқоти олимони тоҷик ба монанди М. Лутфуллозода, У.З. Зубайдов, М. Ғоиб, Ҳ. Муродиён, С.Ш. Саидов, Қ.С. Абдураҳимзода, Ф. Шарифзода, Файзализода Ҷумахон, Давлатзода Ҷамила ва олимону муҳаққиқони рус **А.Я. Варга, С.В. Ковалев, С. Исаев** ва дигарон паҳулҳои дигари ин масъала таҳлилу баррасӣ гардидаанд, ки аз мубрам ва муҳимияти будани мавзуи рисола гувоҳӣ медиҳанд.

Хулоса, дар илми педагогикаи муосири тоҷик ба омӯхтани масъалаи тарбияи ватандӯстӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад, аммо тафовут ва тозагии кори унвонҷӯ Саиднуриддинзода Аҳлиддин дар он ба назар мерасад, ки ӯ мушкилот ва муаммоҳои ҷойдоштаи масъалаи рушди илмии тарбияи ватандӯстиро дар камтаваҷҷуҳӣ дар истифодаи унсурҳои миллӣ дар барномаву маводи таълимӣ мебинад. Аз ҷониби унвонҷӯ маҳз ҳамин муаммо ва тазоду ихтилофоти илмӣ сабаби интихоб шудани мавзуи тадқиқотии «Масъалаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ» гардидааст, ки дар ҳақиқат, ин нукта мубрамияти интихоби мавзуъро таъмин мекунад.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ дар диссертатсияву автореферати кори таҳқиқӣ ва интишороти унвонҷӯ инъикос ёфтааст. Унвонҷӯ ба хулосаҳои назаррасӣ илмӣ даст ёфтааст.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 184 саҳифа ва автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ) тибқи талаботи "Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо" ва банди 54 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, таҳия ва ба тартиб дароварда шудааст. Дар диссертатсия 18 расму диаграмма, 2 ҷадвал оварда шуда, рӯйхати адабиёти истифодашуда фарогири 199 номгӯй мебошад.

Дар муқаддимаи рисола мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиш ва навгонии илмии он асоснок гардида, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида ва инчунин татбиқи натиҷаҳо дарҷ гардидааст.

**Боби якуми рисола** "Асосҳои назариявии ҷараёни тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ" унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад.

Дар фасли якум назарияи масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар таърихи педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ, муҳимияти таҳқиқи масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ бо нокифоягии коркарди назариявии масъала дар шароити муосир муайян гардида, сабабҳои аҳаммияти муҳим доштани тарбияи ватандӯстии ба наврасону ҷавонон баён гаштааст. Ҳамчунин унвонҷӯ дар ин фасл мушкилот ва омилҳои дарки муҳтаво ва моҳияти ватандӯстӣ аз тарафи ҷавононро муайян муайян намудааст.

Ҳамчунин аз таърихи бойи халқи тоҷик боифтихор ёдовар шуда, осори тарбиявии онҳоро ҳамчун намунаҳои барҷастаи ватандӯстии гузаштагон нишон додааст. Қаҳрамониҳои бемисли Деваштичу Спитамени диловар, Муқаннаву Темурмаликро бар зидди истилогарони аҷнабӣ ҳамчун намунаи барҷастаи ифтихори ватандорӣ таҳлилу баррасӣ намудааст.

Муҳтавои фаслро хулоса намуда, ки ба ба Истиқлоли миллӣ соҳиб шудани тоҷиконро омили муҳимми иҷтимоию педагогии тарбияи ватандӯстӣ househ дониста, ҳифзу гиромидошти онро қарзи ҳар фарди миллат донистааст.

Унвонҷӯ дар зербоби дуюм ҷанбаҳои психологию педагогии кишваршиносии таърихи Ватанӣ дар рушди шахсияти хонандагони синфҳои болоиро таҳқиқ намуда, баъд аз омӯзишу таҳқиқи мазмуни таълими кишваршиносӣ хулосаҳои хешро мушаххас баён доштааст. Аз ҷумла, нақши талаботи робитаи диалектикӣ бо бахшҳои таърихи ватан ва таърихи умумӣ, принсипҳои ҳамгирой, принсипи гуногунфарҳангӣ, принсипи антропологиро ҳамчун унсурҳои появии ватандӯстӣ муайян намуда, бо такя ба ин принсипҳо нақшаҳои мушаххасаро барои таҷдиди мазмуни курси таълими кишваршиносӣ тавсия додааст. Яъне унвонҷӯ таъкид мекунад, ки тарбияи ватандӯстӣ аз муҳаббат доштан ба ҳаёт, муносибати самимии инсондӯстона ба атрофиёни худ оғоз меёбад. Ба хонандагон фаҳмонидани он, ки чаро бояд ватандӯсту хештаншинос бошанд, мушкил аст. Бахусус, дар шароити пуртаззоди муосир ин кор қариб номумкин маҳсуб мешавад, чунки ҳаёти наврасону ҷавононро чизҳои дигаре аз қабили интернету сомонаҳои иҷтимоӣ пур кардааст, ки онҳо ҳар кадом барномаву ҳадафҳои гуногун доранд, ки тамоми онҳоро пайгирӣ кардан аз имкон берун аст. Масалан, филму намоишҳои гуногуни хислату характери музирдошта барои ҷавонон, бекорӣ, майнӯшӣ ва нашъамандӣ, дар ҷаҳони муносибатҳои пулӣ, таваҷҷуҳи насли наврас ба он, бозиҳои компютерӣ, ки дар онҳо хусусияти тахрибкорӣ, зулму истибдод, бераҳмӣ дида мешавад ва ғайра, ки ҳамаи ин тарбияи ватандӯстиро дар хонандагон сусту заиф мегардонад.

Дар баробари ин зарурати омӯзиш ва маърифату худогоҳии миллиро зарур дониста, хулоса мекунад, ки ҳангоми таълиму тадриси таърихи халқи тоҷик ва дигар қавму миллатҳо хонандагон на танҳо дар бораи ҳодисаҳои

гузашта, балки имрӯза огоҳ мешаванд, ки ин ҳама ба ташаккули ватандӯстии онҳо мусоидат мекунад. Аз ҳамин лиҳоз, вазифаҳои мушаххаси кишваршиносиро муфассал баён медорад. Аз ҷумла:

- дар замири хонандагон ошкор намудани инсондӯстӣ, дӯст доштани муҳити зист, робитаи инсон бо табиат, таъсири ҳамкорӣ ба раванди натиҷаҳои меҳнатӣ, ташаккули хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва тарбияи зебоипарастӣ ва ғайра;

- хонандагонро дар руҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия намуда, ба онҳо ҷиҳати ифтихор аз таъриху фарҳанги миллат ва эҳтиром гузоштан ба калонсолон ва монанди инҳо мусоидат мекунад.

- ба таври зарурӣ омӯзиши таърихи кишвари худ ба ташаккул додани шавқи маърифатӣ ба ҷараёни таълим мусоидат менамояд.

- Рушди маҳорати мустақилона ёфтани маълумоти лозимӣ дар бораи объекти таълимӣ, дар бораи фаъолияти одамон, корхонаҳо, муассисаҳо, дурнамои бо кор таъминсозӣ. Яъне хонандагон маводи мухталифи таърихиро дар бораи маҳалли зисти хеш ҷамъоварӣ намуда, дар музейи маҳалли хеш ва ё музей ҳои дигар маҳфуз медоранд.

Унвонҷӯ ин самтҳо ҷудогона таҳқиқу таҳлил намуда, аз ҷониби омӯзгор истифода шудани шаклу усулҳои зиёди ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагонро муайян намудааст ва дар рисола муфассал ин шаклҳоро таҳлил намудааст. Масалан, шакли аввал, дар дарсҳои таърих дар канори ҳамаи мавзуъҳои таърихӣ маводи таърихии макони зисти хеш боястӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Дар шакли дуюм, курсҳои махсуси таълимӣ дар синфҳои муқаррарӣ бо омӯзиши амиқи фанҳои силсилаи гуманитарӣ, инчунин маводҳои кишваршиносӣ, ки дар муассисаи ибтидоӣ бо мақсади муқаддимаи таърихӣ истифода бурда мешавад. Шакли сеюм, курсҳои факултативӣ, яъне курсҳои махсуси кишваршиносӣ, ки аз ҳисоби соатҳои мактабӣ гузаронида мешаванд. Дар онҳо хонандагоне машғуланд, ки ба таърихи кишвар рағбати беандоза доранд. Ба вежа бо чунин хонандагон дар миён гузоштани масоили кишваршиносӣ ва маконҳои таърихии маҳалли зисти хеш натоиҷи хеле самарабахш ба бор меоварад. Дар шакли чорум, машғулиятҳои берунназсинфӣ таҳлил шудааст.

Дар зербоби сеюм моҳият, мазмун ва хусусиятҳои тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути фанҳои таъриху кишваршиносӣ таҳқиқ гардидааст, ки зимни муайян намудани меъёрҳои ватандӯстӣ ба назар гирифтани моҳият ва сохтори мафҳуми «ватандӯстӣ», ки шомили зиёди тадбирҳо мебошад, дорои аҳаммияти хоса мебошад. Вобаста ба ин меъёрҳои маърифати ватандӯстиро мушаххас унвонҷӯ мушаххас намудааст ва дар асоси меъёрҳои маълум сатҳи маърифатнокии мактаббачагонро дар доираи 5

дарача, яъне дарачаи хеле баланд, дарачаи баланд, дарачаи миёна, дарачаи паст ва дарачаи хеле паст тасниф кардааст. Сатҳҳои ҷудокардашудаи маърифатнокии ватандӯстӣ, алабатта, шартӣ мебошанд ва метавонанд тағйир ёбанд.

Дар маҷмуъ, маводи кишваршиносӣ барои амиқтару пурратар омухтани таърихи кишвари хеш мусоидат мекунад, кишваршиносӣ хотираи таърихии моро ҳифз карда, ба мо кӯмак мекунад, ки худро бештар шиносем ва барои Ватану диёри хеш ва ободию пешравии он кӯшиш ба харҷ диҳем. Ҳамзамон, истифодаи маводи кишваршиносии таърихӣ ба таълими таърих аёният ва эҳсосотро ворид менамояд. Яъне кишваршиносии таърихӣ ин омӯзиши таъриху фарҳанги мамлакат махсуб ёфта, истифодаи васеи маълумот дар бораи фарҳанги моддӣ ва маънавӣ барои дарку фаҳми боз ҳам хубтару беҳтари зуҳуроти мухталифи таърихӣ ба шумор меравад. Дар тарбияи фикру ақоиди ватандӯстӣ принсипи дарки ҷузъи ҷараёнҳои миллию халқӣ дар кишвари худ накши муҳимро мебозад.

***Боби дуюми рисола*** "Таҳқиқоти озмоишӣ доир ба тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ" ном дошта, дар меҳвари ин боб масъалаҳои тавсифи таҳқиқи озмоиши тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути кишваршиносӣ, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ оид ба тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ бо истифода аз усулҳои таърихи кишваршиносӣ таҳқиқ ва баррасӣ шудаанд.

***Дар зербоби якум*** унвонҷӯ дар заминаи мушаххаси таърихӣ бо истифодаи маводи кишваршиносӣ ба роҳ монда шудани тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоиро бо далелҳои мушаххас ба исбот расонидааст. Ӯ ибтидо истилоҳи *«ватандӯстӣ»-ро* бо нуктаҳои собиткунанда шарҳ дода, тарбияи ватандӯстӣ бахши ҷудонопазири маҷмуи тарбия маҳсуб шуданашро баён месозад ва барои ташаккули шахсият ва мавқеи худро пайдо кардани инсон дар ҷомеа онро шарти зарурӣ меҳисобад, ки ин хулосаи саҳеҳ мебошад. Довталаб вобаста ба ин дар ҷараёни таҳқиқ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Бохтар, ноҳияи Кӯшониён ва ноҳияи Ховалинг корҳои озмоиширо дар чаҳор давра ба сомон расонидааст.

Дар давраи аввал, ки давраи муайянкунӣ ҳисобида шудааст, муҳаққиқ корҳои омодакунии консепсияи таҳқиқот, барномаи озмоишӣ, накшаи кор, муайян кардани ҷомеаи хонандагон ва муҳити иҷтимоии онҳоро тарҳрезӣ ва амалӣ намудааст. Дар ин ҷараён роҷеъ ба тарбияи ватандӯстии шогирдони синфҳои болоӣ аз пурсишномаҳо истифода намуда, доир ба дарку фаҳми ватандӯстӣ аз таҳлили таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ, осорхонаҳои таърихии мактабҳо, осорхонаҳои кишваршиносии вилояти Хатлон, бавежа

дар Боғ-осорхонаи таърихиву кишваршиносии Восеъ, Осорхонаи таърихиву кишваршиносии вилоятии ба номи *«Авасто»* истифода кардааст.

Дар давраи дуюм, яъне марҳилаи озмоишӣ коркарди лоиҳаи барномаи мазмундор роҳандозӣ шуда, корҳо бевосита дар дарсҳои таърих дар синфҳои 9-11 амалӣ шуданд. Аз ҷумла, дар ин давра, аз ҷониби муҳаққиқ роҷеъ ба масъалаҳои проблемавӣ корҳои эҷодӣ ироа гардида, маводи иловагӣ доир ба фаъолияти таърихӣ-кишваршиносӣ, ба монанди таҳия ва ҳимояи маърузаву рефератҳо аз ҷониби хонандагон, барои шогирдон корҳои ҷустуҷӯйи кишваршиносӣ, барои омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ бошад, семинарҳо доир гардиданд ва меъёрҳои боровари тарбияи ватандӯстӣ чун сифати шахсияти хонандагони синфҳои болоӣ дар шароити фаъолияти ҳадафноки таърихӣ-кишваршиносӣ таҷдиди назар гардиданд.

Дар давраи сеюм тасдиқу тайиди озмоиш татбиқи фаъолияти амалӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ аз рӯйи мавзуи таҳқиқотии рисолавӣ идома ёфта, барномаи мазмунии тарбияи ватандӯстӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ тавассути кишваршиносӣ дар мактабҳои озмоишӣ тасдиқ гардиданд.

Дар давраи ниҳоӣ, яъне давраи системасозӣ таҳлили корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, доир кардани таҳқиқот доир ба ошкор намудани тағйирот дар тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои ҳосилшуда анҷом дода шуд.

Ба сифати меъёрҳои асосии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ дар дарсҳои таърих ва дар фаъолияти фориғаздарсии кишваршиносӣ муайян намудани унсурҳои ватандӯстӣ аз дастовардҳои дигари рисолаи мазкур мебошад.

***Дар зербоби дуюми*** *ин боб* натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ оид ба тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ бо истифода аз усулҳои таърихи кишваршиносӣ таҳлилу таҳқиқ гардида, як қатор ҷанбаҳои муҳим ва нуктаҳои тоза муайян карда шудаанд.

Муносибати синфҳои болоӣ ба арзишҳои моддӣ ва маънавӣ, аз тарафи онҳо дарки чунин мафҳумҳо, мисли сулҳу амният дар рӯйи замин, ҳаёти инсон, ватан, кишвар, хонаи падарӣ, табиати атроф, дӯстии халқҳо, ватандӯстӣ, маданияти халқ, маориф, илм, таърихи ҷомеа чун арзиши миллӣ, оила, дин, шарафу виҷдони шахс ва монанди инҳо яке аз ҷузъҳои асосии кори таҳқиқӣ ба шумор меравад. Дар ин фасл ба таври ҷудогона, муносибати бачаҳо ба ҳунар (рафтан ба театр, осорхонаҳо кинотеатрҳо, майлу рағбати онҳо ба мусиқӣ, рассомӣ, меъморӣ, адабиёт, синамо, муносибати онҳо ба асари санъат) мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар синфҳои назоратӣ ва озмоишии МТМУ №6, №9, №10, №12-шаҳри Бохтар ва МТМУ №20 ноҳияи Кушиниён,

МТМУ №12, №2, №3-и ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон ба хонандагони синфҳои болоӣ дар шакли ду намуди анкета гузаронида шудааст, ки натиҷаҳои онҳо дар рисола хуб ва бо услуби илмӣ таҳлил шудаанд.

Унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои озмоишӣ маълум намудааст, ки дар баъзе мавридҳо ҳадафу мақсад ва дурбинии хонандагон оид ба унсурҳои ватандӯстӣ нигароникунанда мебошад. Масалан, хонандагон дар бораи унсури ватандӯстӣ ба монанди фарҳанги кишвар танҳо 24% афзалият нишон додаанд, ки ин нигаронкунанда мебошад.

Дар баробари ин аз назарсанҷӣ маълум шудааст, ки шогирдон перомуни унсури шаҳрвандӣ иттилои бештаре доранд. Дарсади ками шогирдон ба ин ё он шакли шарҳу тафсири ватандӯстӣ мувофиқанд ва ризоияти худро эълон медоранд. 52 %-и хонандагон бар ин боваранд, ки ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ дар мазмуни таҳсилот инъикоси хешро дарёфт мекунад. Ё ин ки 47% пурсидашудагон бар ин боваранд, ки ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ дар барномаҳои телевизионӣ камтар ба назар мерасанд, ё агар бошанд, ҳам сатҳи онҳо хеле паст аст, яъне он барномаҳое, ки мавҷуданд, сатҳи баланд надоранд ва барои бедор шудани ин қабил эҳсосҳо камтар кумак мерасонанд. Аз ин ҷо, тавсияҳои унвонҷӯ нишонрас мебошад, ки "...барномаҳоро бояд ашхоси ҳирфаӣ бо масъулияти баланд ва таҷрибаи кофии дарки масъала ватандӯстӣ роҳандозӣ намоянд, ба таври дигар гӯем, худи онҳо бояд ватанпарасти ҳақиқӣ ва поктинат бошанд ва гуфторашон бар амалашон боястӣ яксон бошад".

Ҳамчунин натиҷаи назарсандӣ доир ба тарафдорони оне, ки ба дигар кишварҳо сафар карда, дар он ҷо барои зиндагии доимӣ маскан бигузанд, хеле кам буд. Танҳо 5 %-и онҳо изҳор доштанд, ки агар имкон медоштанд, Ватанро якумрӣ тарк мекарданд ва макони дигареро барои зиндагӣ интихоб мекарданд. 6 % бошад, аслан майли тарк кардани Ватани хешро надоранд. 50 % шогирдон хоҳиш доранд, ки таҳти шароитҳои хуб дар хориҷи кишвар таҳсил карда, бо диплом ва тахассуси хуб ба Ватан баргарданд. 52 % шогирдон боздид аз кишварҳои хориҷиро ба ҳайси сайёҳ мепазиранд. Натиҷаҳои назарсанҷӣ ҷолиб мебошанд. Натиҷаи коркарди корҳои назарсанҷӣ ва умуман корҳои озмоишӣ тариқи ҷадвалу диаграммаҳо мувофиқи мактабу минтақаҳо мушаххас бо усули оморӣ дуруст ва нишонрас манзур шудааст.

***Навгонии илмии таҳқиқот*** дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи кори таҳқиқотӣ:

- омӯзишу таҳлили ташаккули эҳсоси ватандӯстиву худогоҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар заминаи осору таҷрибаи амиқи ниёгон ва бо

дарназардошти падидаҳои замони муосирро мушаххас намуда, самтҳои афзалиятнокро дар ин ҷода муайян кардааст;

- моҳият, мазмун ва хусусиятҳои тарбияи меҳанпарастии донишомӯзони синфҳои болоиро бо такя ба осори таърихӣ ва маҳалли зисти хонандагон дар машғулиятҳои синфӣ ва форiғаздарсӣ ва умури эҷодии онҳо собит намудааст;

- муҳтаво ва мундариҷаи возеҳу равшан, шаклу равишҳои тадрис, ки боровари и раванди тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути фанни кишваршиносӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлолро таъмин мекунанд, дар амалияи корҳои тарбиявӣ ва корҳои фориғаздарсӣ асоснок ва ба таври таҷрибавӣ санҷида ва пешниҳод шудаанд;

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки дар воқеъ, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшудаи он имкон медиҳад, имкониятҳои тарбиявии фаъолияти таърихию кишваршиносӣ баланд бардошта шуда, самтҳои минбаъдаи ҷустуҷӯйи воситаҳои муассири кори кишваршиносӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ ҳамчун сифатҳои шахсӣ дар ҷомеа пешниҳод карда шаванд.

**Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ.** Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал асноди амалкунандаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқии давлатӣ, инчунин санадҳои дигар, мулоқоту суханрониҳои роҳбарияти воломақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати омӯзишу баррасии масъалаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ ҳамчун сифатҳои шахсӣ дар ҷомеа мувофиқи унсурҳои таърихию кишваршиносӣ ва умуман фарҳангиву адабӣ ва истифодаи оқилонаи ғояҳои пешқадами он дар раванди тарбияи насли наврас, корҳои илмии педагогҳо ва дигар олимони ватаниву хориҷӣ омӯхта шудааст, ки дар онҳо ҷанбаҳои педагогии мавзуи мазкур муайян карда шудаанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо чопшуда, дар як қатор маърузаҳои аз ҷониби муаллиф дар шакли баромадҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар семинару ҷаласаҳои донишгоҳӣ ва гузоришҳову тезисҳои конфронсҳои минтақавиву байналхалқӣ муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шуданд.

Аз ин лиҳоз, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Саиднурид-

динзода Аҳлиддин боэътимод ва боварибахшанд. Аз гузориши унвонҷӯ маълум гардид, ки ӯ дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст.

Дар кори илмӣ инчунин принсипу усулҳои умумиилмӣ: принсипҳои мунтазамӣ, маҷмуӣ, таърихӣ, илова ва бардавомӣ, муносибати субъективию фаъолиятӣ, инчунин усулҳои илмӣ, ба мисли таҳлил, синтез, индуксия, тарҳ ва ғ. истифода шудаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хуб таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯй мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои бартараф кардани камбудиҳо ва такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Хуб мешуд, ки диссертант доираи пойгоҳии таҳқиқотии худро васеътар менамуд.

2. Бо мақсади муқоиса бо талаботҳои педагогӣ-психологӣ хусусиятҳои тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта мешавад, ки таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро ҳамчун исботи истифодаи таҷрибаи онҳо оид ба масъалаи мазкур оварда мешуд аз фоида холӣ намебуд.

3. Дар диссертатсия ғалатҳои китобат ва имло ба назар мерасанд, ки албатта сабаби техники дорад, ки бояд ислоҳ карда шавад.

Бояд зикр кард, ки норасоиву эродҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ халал ворид намесозанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи, Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст кори анҷомёфтаи илмӣ буда, диссертатсия, автореферат ва мақолоти чоп намудаи ӯ ба қоида, меъёр ва талаботи “Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо”, Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда,

муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муҳокима ва баррасии диссертатсия аз ҷониби муассисаи тақриздиҳанда, бо иштироки довталаб Саиднуриддинзода Аҳлиддин дар ҷаласаи назди кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ санаи 16.08.2024 2024 гузаронида ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар ин ҷаласа баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 13 - нафар устодон иштирок карданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор -13 нафар, муқобил- нест, бетараф- нест. (Қарори ҷаласаи кафедра № 9/3 аз 16.08.2024).

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмї-методї, мудири кафедраи
педагогикаи умумии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент Мансурова Ҷ.С.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи педагогикаи умумии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Т.А.

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмї- методї, номзади
илмҳои педагогӣ Арбобова Ф. А.

16.08.2024.

**Маълумот барои тамос:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121;
Тел: +992 (37) 224 13 83, E-mail: info@tgpu.tj, www.tgpu.tj

Имзои Ҷ. Мансурова, Т. Самиев ва Ф.Арбобоваро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.